**ХУЛОСАИ**

**шурои диссертатсионии** 6D.**КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи** ихтисоси **13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ).**

**Парвандаи аттестатсионии № ____________**
**Қарори шурои диссертатсионӣ аз**
**14 октябри соли 2025, №100**

Барои сазовор донистани Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ.

Диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ».

Аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) ба ҳимоя 24 июли соли 2025 қабул карда шуд, протоколи №79-ИҲ -и шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 назди Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, шаҳри Душанбе, кӯчаи А. Адҳамов, 11/2; бо фармоиши КОА аз 06.09.2024, №321/шд таъсис ёфтааст).

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ 7.03.1974 таваллуд шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ соли 1996 Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро бо ихтисоси таърих ва ҷамъиятшиносӣ (**дипломи ТСИ №0020958**) хатм намудааст.

Фаъолияти меҳнатии Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ аз соли 1995 то 1997 ба ҳайси омӯзгори фанни таърихи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-и ноҳия Деваштич, солҳои 1997-1999 ба ҳайси мутахассиси пешбари шуъбаи комплекси иҷтимоӣ-фарҳангӣ, робита бо созмонҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои байнимиллии дастгоҳи раиси ноҳияи Деваштич, солҳои 1999-2000 мушовири кор бо ноболиғони шуъбаи маорифи ноҳияи Деваштич, солҳои 2000-2001 котиби масъули комиссияи кор бо ноболиғони назди Ҳукумати ноияи Ғончӣ, солҳои 2001-2003 мудири шуъбаи кор бо ҷавонони ноҳияи Деваштич, солҳои 2003-2008 мудири шуъбаи масоили иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва робита бо созмонҳои ҷамъиятӣ ва муносибатҳои байнимиллии

дастгоҳи раиси ноҳияи Деваштич, солҳои 2008-2010 мутахассиси пешбари шуъбаи масоили иҷтимоӣ фарҳангӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси вилояти Суғд, солҳои 2010-2012 мутахассиси пешбари шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси вилояти Суғд, солҳои 2012-2015 сармутахассиси шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси вилояти Суғд, солҳои 2015-2016 сармутахассиси шуъба оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, солҳои 2016-2017 иҷрокунандаи вазифаи мудири шуъба оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, солҳои 2017-2024 ба ҳайси мудири шуъба оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллии Мақомоти иҷроияи Ҳокимияти давлатии вилояти Суғд кору фаъолият кардааст. Аз соли 2024 инҷониб дар вазифаи сармутахассиси шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи Раиси вилояти Суғд фаъолияти кориашро идома бахшида истодааст.

Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ солҳои 2020-2024 ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) (фармоиши қабул аз 28.10.2020, №612) корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

Мавзуи кори диссертатсионии Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ дар мавзуи «Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ», дар ҷаласаи шурои олимони Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» аз 27.08.2020, №1 тасдиқ шудааст.

Диссертатсия дар Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: Сабурӣ Харулло Мирзозода – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Муқарризони расмӣ:

Давлатзода Ҷамила – доктори илмҳои педагогӣ, директори Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи касбии техникии ноҳияи Шаҳринав»;

Разоқов Хуршед Сохибназарович - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба номи С. Раҳимов.

Муассисаи пешбар: Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара».

Дар хулосаи мусбат додашуда аз 03.09.2025, протоколи №1, ки онро раиси ҷаласа, Ғафурова Дилором – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Данғара», Наботов Ш.Ю. – эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти Донишгоҳи давлатии Данғара ва котиби ҷаласа номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи педагогика ва психология Садирова Ҷ.Ш. имзо карда, ректори Донишгоҳи мазкур - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Ш.Қ. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия дар умум баҳои мусбат дода, аз он ҷумла, иброз кардааст, ки «...аз тарафи муаллиф ба таври васеъ мафҳумҳои арзишҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстиро мавриди баррасӣ қарор дода, онҳоро ҳамчун унсурҳои асосии тарбияи насли наврас арзёбӣ менамояд. Ин мафҳумҳо, мувофиқи таъкиди муаллиф, на танҳо донишҳоро фаро мегиранд, балки инчунин эҳсосот, муносибат ва рафтори инсонро нисбат ба Ватан ва ҷомеа муайян мекунанд. Таҳқиқоти диссертатсионии Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ хеле арзишманд буда, ба рушди илми педагогика ва амалияи таълим саҳми назаррас мегузорад. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ самаранок истифода шаванд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ аҳамияти калони илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дошта, истифодаи амалии натиҷаҳои он ба рушди соҳаи маориф ва тарбияи насли наврас саҳми арзанда гузошта метавонад.

Таҳқиқи диссертасионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки он ба рушди арзишҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар байни хонандагони синфҳои 9-10 таваҷҷӯҳ мекунад, ки ин гурӯҳи синнусолӣ барои ташаккули шахсият ва ҷаҳонбинии ҷавонон хеле муҳим аст. Таҳқиқоти мазкур на танҳо ба омӯзгорон кӯмак мекунад, балки барои сиёсати таҳсилотии давлат ва рушди иҷтимоии ҷомеа низ аҳамияти калон дорад.

Афзалиятҳои педагогии пешниҳодшуда дар диссертатсия метавонанд ба такмили усулҳои таълимӣ ва тарбиявии муассисаҳои таълимӣ мусоидат кунанд, ки ин боиси беҳтар шудани сифати таълим ва тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон мегардад. Инчунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои дигар муҳаққиқон, олимон ва сиёсатмадорон манбаи арзишманде бошанд, ки дар таҳияи стратегияи нави таълим ва тарбияи шаҳрвандӣ кумак расонанд.

Пешниҳодҳои амиқи муаллиф дар самти татбиқи усулҳои педагогӣ метавонанд роҳнамои муассисаҳои таълимӣ барои беҳтар кардани раванди таълим ва тарбия бошанд, ки ин ба рушди ҷомеа ва мустаҳкам кардани арзишҳои шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ кӯмак мерасонад.

Мазмун ва муҳтавои кори таҳқиқотӣ дар интишороти муҳаққиқ дар масъалаҳои тасдиқнамуда КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, мақолаҳо дар маҷмуаҳо аз конференсияи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба мазмун ва муҳтавои диссертатсия ва автореферати он мувофиқат менамоянд. Инчунин, муҳаққиқ кӯшиш намудааст аз таҳқиқотҳои олимони ватанӣ, аз адабиётҳо бо забони тоҷикӣ истифода намуда бо нутқи хаттии фаҳмо фикру ақидаҳои худро иброз намояд.

Инчунин, қайд гардидааст, ки Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ 12 интишороти илмӣ, аз ҷумла, 3 номгӯй мақолаҳои илмии зерин оид ба мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президентии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ба табъ расидаанд, ки мазмуни асосии диссертатсияро инъикос мекунанд:

[1-М] Рустамзода С.Ҳ. Асосҳои маънавӣ-таърихии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. / Рустамзода С.Ҳ. //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ № 4 (45), 2022.-С.161-167. ISSN 2222-9809

[2-М] Рустамзода С.Ҳ. Развитие содержания формирования гражданско-патриотических ценностей учащихся средних общеобразовательных учреждений. / Рустамзода С.Ҳ. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Маљаллаи илмӣ, маърифатӣ ва таълимию методӣ № 4 (49), 2023. -С.57-62. ISSN 2222-9809

[3-М] Рустамзода С.Ҳ. Асосҳои назариявии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ / Рустамзода С.Ҳ. // Маҷаллаи Номаи донишгоҳ ,силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносӣ -№ 4(77), 2023, - С.76-84. ISSN 2077-4990

Новобаста аз дастоварду муваффақиятҳо ва пешниҳодҳои ҳадафмандона диссертатсияи мазкур аз норасоиҳо ва ғалатҳое, ки хусусияти ҷузъӣ доранд, холӣ нест ва камбудиҳои ҷойдошта сифати баланди илмии дяссертасияро коста намегардонанд. Ба инобат гирифтани онҳо дар таҳқиқотиояндаи диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1. Ба назар мерасад, ки баъзе ҷанбаҳо дар таҳқиқоти систематикӣ ва таҳлили амиқи маълумот камбудӣ доранд. Барои такмили сифати илмӣ,

таҳқиқи амиқ ва систематикӣ дар самтҳои муайян, ба монанди таҳлилҳои муқоисавӣ ва таҳқиқи амиқи манбаъҳо, зарур аст.

2. Баъзе метод ва усулҳои таҳқиқот, ки дар диссертатсия истифода шудаанд, ба назари мо, наметавонанд дар амалияи таълими воқеӣ самаранокӣ нишон диҳанд. Илова кардани усулҳои нав ва озмоишии педагогӣ метавонад ба беҳтар шудани натиҷаҳо дар оянда кӯмак расонад.

3) Маълумотҳо дар баъзе ҳолатҳо нокифоя ва ба таври мукаммал тафсир шудаанд. Барои беҳтар кардани эътимоднокии натиҷаҳо, лозим аст, ки муаллиф дар оянда диққати бештар ба ҷамъоварӣ ва корбурди маълумот диҳад.

4) На дар ҳама ҳолатҳо муаллифи диссертатсия назар ва ақидаи муҳаққиқонеро, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, аз дидгоҳи худ таҳлилу баррасӣ кардааст, ки ин метавонад барои такмили мазмун ва амиқ кардани таҳқиқот муфид арзёбӣ мешавад, зеро идора кардани баҳсҳо ва пешниҳоди назарҳо метавонад ба эътимоднокии натиҷаҳо ва хулосаҳое, ки ба даст меоянд, кӯмак хоҳанд расонад.

5) Дар матни диссертатсия ва автореферати он аҳёнан ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар вомехӯранд.

Ислоҳи нуқсу камбудиҳо ва такмили ҷанбаҳои заикаршуда метавонад ба муаллиф кӯмак расонад, то дар таҳқиқоти оянда натиҷаҳои беҳтар ва самараноктар ба даст орад ва барои тарбияи арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии насли наврасу ҷавон дар ҷомеа муфид хоҳад буд.

Хулоса, диссертатсияи Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ да мавзуи “Шароитҳои педагогии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 – Назария ва методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ)) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара Ғафурова Дилором Ҷаборовна омода шудааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи педагогика ва психологияи Донишгоҳи давлатии Данғара муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи № 1 аз 3.09. соли 2025).

Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шудаанд.

Тақризҳоро шахсони зерин фиристодаанд:

1. Хоҷаева М.Ҷ. – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, директори Муассисаи давлатии буҷетии таҳсилоти миёнаи умумии Россия – Тоҷикистон “Мактаби миёнаи умумӣ дар шаҳри Хуҷанд ба номи А.П.Чехов”

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

2. Аминов Муслиҳиддин – номзади илмҳои педагогӣ, директори “Литсейи №1 барои бачагони болайќати шањри Душанбе”.

Тақриз мусбат мебошад. Муқарриз эрод надорад.

3. Аминзода Мавлуда – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарӣ – иҷтимоии Донишкадаи кӯҳию металургии Тоҷикистон.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

4. Саидзода Низомиддин – номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, декани факултети психологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Муқарриз эрод надорад. Тақриз мусбат мебошад.

Муқарризони ба автореферат тақриз пешниҳоднамуда қайд мекунанд, ки таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талабот ҷавобгӯ буда, довталаби дараҷаи илмӣ Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ (таҳсилоти миёнаи умумӣ) мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар дар асоси хулосаи комиссияи экспертӣ ва қарори шурои диссертатсионии 6D.КОА-077 аз 24 июли соли 2025, протоколи №79-ИҲ, тибқи банди 61, Низомнома оид ба шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 67, 69 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, асоснок гардидааст.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки** дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин **иҷро шудаанд:**

- робитаи байниҳамдигарии унсурҳои ифодакунандаи сохтори ягонаи арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстӣ **муайян карда шуда,** муҳтавои ҳар як ҷузъи он **асоснок карда шудааст;**

- аҳамияти истифодаи равишҳои фарҳангшиносӣ ва фаъолиятӣ барои ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии наврасоне, ки дар синфҳои 9-10 дар дарсҳои таърихи умумӣ таҳсил мекунанд, **асоснок карда шудаанд;**

- моҳияти илмии равиши аксиологӣ, ки ба ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар синфҳои 9-10 дарсҳои фанни «Таърихи умумӣ»-ро меомӯзанд, **аниқ карда шудааст;**

- вобаста ба ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳангоми омӯзиши дарсҳои фанни «Таърихи умумӣ» нигаронидашуда**, амсила таҳия ва тасвиб карда шудааст;**

- муҳтавои раванди таълиму тарбияи ба ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти умумӣ нигаронидашуда ҳангоми дарсҳои фанни «Таърихи умумӣ» **тарҳрезӣ карда шудааст;**

- таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи рисола **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**

- самтҳои фаъолияти омӯзгори муассисаи таълимӣ бо хонандагони синфҳои 9-10 дар самти ташаккули арзишҳои шаҳрвандию ватандӯстии онҳо дар дарсҳои фанни «Таърихи умумӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **муайян карда шудааст;**

- нақши тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ба таври озмоишӣ мавриди санҷиш қарор дода шуда, самаранокии онҳо **собит карда шудааст;**

- тавсияҳои методӣ роҷеъ ба омӯзиши тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагон ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик дар фаъолияти педагогӣ **коркард ва пешниҳод карда шудааст;**

- самаранокии дар амал татбиқ намудани тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба таври озмоишӣ **санҷида шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:**

- муқаррароту тавсияҳои назариявии дар диссертатсия ироа шуда ба методологияи муносибати системавӣ ва консепсияи илмии педагогиву психологӣ асоснок гардида, ба методҳои назариявӣ такя мекунад, ба таври васеъ мавриди таҳқиқоти минбаъда ва истифода **қарор гирифта метавонад;**

- барои корҳои минбаъдаи илмӣ **кӯмак расонида метавонад;**

- анҷоми ин таҳқиқот метавонад барои нишон додани бартарии тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ташаккули худшиносии толибилмон дар раванди таълими фанни таърих **саҳифаҳои нав боз кунад;**

- маводи таҳияшуда дар нашри китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, энсиклопедияҳо ва солномаҳо мавриди истифода қарор **истифода қарор гирифта метавонад;**

- хулосаҳои назариявии таҳқиқот ва тавсияҳои амалии он дар фаъолияти сохторҳои дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои тарбияи миллии насли наврасу ҷавон ва қишрҳои дигари ҷомеа мавриди истифода **қарор гирифта метавонад;**

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия,** чунин тасдиқ карда мешавад, ки:

- таҳияи тарзу воситаҳои ташхисӣ барои муайян ва таҳқиқи кардани нақши тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва талаботи онҳо ба худрушддиҳӣ дар шароити муосири муассисаҳои таълимӣ **кӯмак расонанд;**

- барои ҷорӣ намудани тарбияи шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, тайёр намудани омӯзгорони ояндаи фанни таърих **мусоидат менамояд;**

- барои рушду ташаккули ҳувияти миллии хонандагон **ёрӣ мерасонад;**

- таҳияи тавсияҳо оид ба истифодаи амсилаи омӯзиши арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ, ба таври самаранок ташаккул додани онҳо **фароҳам меоварад**;

- озмоиш ва ҷорӣ намудани барномаи ҳамкориҳои самарабахш оид ба омӯзиши ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ ва нақши он дар рушди педагогикаи миллии халқи тоҷик ба худҳавасмандсозӣ, худташкилкунӣ ва худрушддиҳии хонандагон **кӯмак мерасонад;**

- мавод ва натиҷаҳои таҳқиқотро дар амалияи кор бо омӯзгорони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва дар такмили ихтисоси омӯзгорон **метавонанд** ба таври васеъ **мавриди истифода қарор бигиранд;**

- тавсияҳои илмию педагогии дар кори таҳқиқотӣ коркардшударо омӯзгорон **метавонанд** ҷиҳати баланд бардоштани самарабахшии кор ва сифати таълим **истифода баранд;**

- муҳтавои таҳқиқоти мазкурро ҳамчун курси махсус, барои бозомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ **метавон тадрис намуд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот дар таҳияи барномаҳо, роҳнамо ва дастурҳои методӣ барои омӯзгорон ва воситаҳои таълимӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ **ёрии амалӣ мерасонанд.**

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** нишон доданд, ки дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертасионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиқаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ ва назариявии таҳқиқот **таъмин карда шудаанд;**

- маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқотро, ки ба мавзуъ ва ҳадафҳои асосии таҳқиқот мувофиқанд **таъмин карда метавонанд;**

- интихоб ва таҳлили шароит, инчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ **таъмин карда шудаанд;**

- тасдиқи қоидаҳое, ки дар фарзия ва ғояи таҳқиқот пешниҳод шудаанд, **исбот карда шудааст;**

- таҳлилу арзёбӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ва корҳои озмоишӣ бадастомада, **коркард ва самаранокии онҳо исбот карда шудааст;**

- муътамад будани натиҷаҳои ноилшуда ва таҷрибаи амалии фаъолияти касбии муаллифи диссертатсия **асос ёфтаанд;**

- истифодаи методҳои такмилдиҳандаи якдигар, мақсадҳои комилан мувофиқ, вазифаҳо ва мавзуи таҳқиқот, тасдиқи натиҷаҳои таҳқиқот тавассути методҳои оморӣ ва таҳлил **ба даст омадаанд;**

- иштироки бевоситаи муаллиф дар фаъолияти касбии омӯзгорӣ, илмӣ-методӣ, таҳқиқотӣ ва ташкили он дар пойгоҳи озмоишӣ **таъмин карда шудаанд.**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот мувофиқ буда, баланд бардоштани самарабахшии ташаккули арзишҳои шаҳрвандӣ-ватандӯстии хонандагони синфҳои 9-10 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои таърихи умумӣ дар муҳити муосири муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ аз бисёр ҷиҳатҳо **таъмин карда метавонанд;**

- натиҷаҳои таҳқиқот бо кори озмоишӣ, таҷрибаи шахсии педагогии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ тасдиқ карда шуда, натиҷаҳои ташхису санҷиш ба муқоисаи маълумоти дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) **асос ёфтанд;**

- **натиҷаҳои таҳқиқот** дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, мизҳои мудаввару семинарҳои илмиву методӣ ва омӯзишӣ ва ғ. **ироа, тасвиб ва баррасӣ шудаанд**.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар ба амал баровардани фаъолиятҳои зерини илмӣ-таҳқиқотӣ таҷассум меёбад:**

**- дар иштироки бевосита**и муалиф дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таҳлили ҳамаҷонибаи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ;

**- дар ҷамъоварии мавод ва таҳлили амиқи** адабиёти илмӣ, таҳлил ва шарҳу тафсири маълумоти дарёфтшуда оид ба масъалаҳои мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ, коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда;

**- дар банақшагирии дурусту мувофиқи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ, таҳлили миқдорӣ ва сифатии** маводу натиҷаҳои дар ҷараёни корҳои озмоишӣ бадастомада;

**- дар истифодаи маҷмуи зиёди методу воситаҳои таҳқиқотӣ** вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот;

**- дар таҳияи воситаҳои ташхис** барои муайян кардани нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих;

**- дар ташкил ва баргузор кардани таҳқиқоти озмоишӣ**, тасдиқи амалии муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда дар раванди озмоиш, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маълумот;

**- дар коркард ва мавриди озмоиш қарор додани** барномаи татбиқи амсилаи нақши арзишҳои миллӣ дар тарбияи хештаншиносии хонандагон зимни таълими фанни таърих;

**- дар таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ ва тавсияҳои методӣ**, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ ва ироаи натиҷаҳои таҳқиқот, ҷаъбасти натиҷаҳои бадастомада ва коркарди таҳқиқоти диссертатсионӣ.

Дар маҷлис аз 14 октябри соли 2025, №100 шурои диссертатсионӣ қарор кард, ки Рустамзода Сӯҳроб Ҳакимӣ ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 - Назария ва методикаи таълиму тарбия (13.00.02.05 - Назария ва методикаи фанҳои ҷамъиятӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ) сазовор дониста шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 6 нафар доктор аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсия баррасишаванда. Овоз доданд:

тарафдор – 11 нафар, муқобили – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Сафаров Шодӣ Асомуродович

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои педагогӣ — Муҳиддинзода Баҳриддин

Санаи барасмиятдарории хулоса: 14.10.2025